ДУШАНБЕ, 18.09.2021 /АМИТ «Ховар»/. *Пас аз анчоми мулокоту музокироти сатхи олӣ дар хузур ва бо иштироки Сарони давлатхо мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Сайид Иброхими Раисӣ бастаи нави санадхои хамкорӣ ба имзо расид, ки заминаи хукукии муносиботи ду чонибро таквияти бештар мебахшад.*

Ба Баёнияи муштараки Президенти Чумхурии Точикистон ва Раиси Чумхурии Исломии Эрон Сарони давлатхо мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва мухтарам Сайид Иброхими Раисӣ имзо гузоштанд.

Сипас, санадхои зерин имзо гардид:

Созишнома байни Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Исломии Эрон дар бораи супоридани махкумшудагон;

Ёддошти тафохум байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Исломии Эрон оид ба хамкории иктисодӣ ва техникӣ;

Протоколи техникӣ байни Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Маъмурияти гумруки Чумхурии Исломии Эрон дар бораи мубодилаи электронии маълумоти гумрукӣ;

Ёддошти тафохум байни Хукумати Чумхурии Точикистон ва Хукумати Чумхурии Исломии Эрон оид ба хамкорӣ дар сохаи сайёхӣ;

Ёддошти тафохум байни Вазорати мехнат, мухочират ва шугли ахолии Чумхурии Точикистон ва Вазорати кор, таовун ва рифохи Чумхурии Исломии Эрон оид ба хамкорӣ дар сохаи омӯзиши техникӣ ва касбӣ;

Ёддошти тафохум оид ба хамкорӣ дар сохаи хифзи ичтимоии ахолӣ байни Вазорати тандурустӣ ва хифзи ичтимоии ахолии Чумхурии Точикистон ва Вазорати таовун, кор ва рифохи ичтимоии Чумхурии Исломии Эрон;

Ёддошти тафохум байни Вазорати кишоварзии Чумхурии Точикистон ва Вазорати чиходи кишоварзии Чумхурии Исломии Эрон оид ба хамкорӣ дар сохаи кишоварзӣ;

Ёддошти тафохуми хамкорӣ байни Кумитаи кор бо чавонон ва варзиши назди Хукумати Чумхурии Точикистон ва Вазорати варзиш ва чавонони Чумхурии Исломии Эрон оид ба хамкорӣ дар сохаи варзиш.

Баъди анчоми маросими имзои санадхои нави хамкорӣ Сарони ду давлат Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва Президенти Чумхурии Исломии Эрон мухтарам Сайид Иброхими Раисӣ барои доираи васеи хабарнигорони дохил ва хоричи мамлакат нишасти матбуотӣ ороста, натичахои мулокоту музокиротро неку назаррас арзёбӣ карданд.

https://khovar.tj/2021/09/2marosimi-imzoi-sanad-oi-navi-amkorii-to-ikistonu-eron/